«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди
маориф ба номи Абдураҳмони
Ҷомии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон, номзади илмҳои
физика-математика, дотсент
________ Наҷмиддиниён А.М.
«23» декабри соли 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии унвонҷӯи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид 25.07.1965 дар деҳаи Ҷартепа, Ҳозира деҳаи Хуррамзамини ноҳияи Данғараи Вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1981 МТМУ №8 ноҳияи Данғараро хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Соли 1990 ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст. Инчунин Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид соли 2005 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппаро бо ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ хатм намудааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид фаъолияти меҳнатиашро аз омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №3-и ш. Қурғонтеппа оғоз намудааст. Аз соли 1987 то соли 2003 дар вазифаҳои сарвари пешоҳангон, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ҷонишини директор оид ба таълими синфҳои ибтидоӣ ва ҷонишини директор оид ба корҳои таълим фаъолият намудааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад солҳои 2003 – 2913 директори МТМУ №8, директори МТМУ №2 фаъолият намудааст. Солҳои 2013 – 2022 дар вазифаи мудири шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара адои вазифа намудааст. Аз соли 2014 то соли 2024 директори Литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар фаъолият намудааст. Айни замон директори Маркази рушди малакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара мебошад.

Саидзода Ниёзмуҳаммад солҳои 2015 – 2019 ба сифати унвонҷу дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳони минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафаи илм – 5 (аъло), Забони англисӣ 4 (хуб), Педагогика – ихтисосро 5 (аъло) супоридааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Файз ба анҷом расонидааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои

таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардид. Унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид ба диққати иштирокчиёни ҷаласа мазмуни асосии диссертатсияро ироа намуд. Баъди баромад ба унвонҷу иштирокчиёни ҷаласа савол доданд. Унвонҷу ба саволҳо ҷавобҳои боварибахш ва мушаххас дод.

Сипас, муқарризони холис Ҷонмаҳмадова Г. – номзади илмҳои педагогӣ, котиби илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Котибова Ш. – мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимиюкитобҳои дарсии таҳсилоти ақалиятҳои миллии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба муваффақият ва камбудиҳои диссертатсияи унвонҷу ибрози андеша намуданд. Баъди баромади муқарризон унвонҷу Саидзода Ниёзмуҳаммад оид ба эроду пешниҳодҳои ироагардида изҳори андеша намуда, иброз намуд, ки камбудиҳои ошкордуда ба сифатан беҳтар шудани мазмуну муҳтавои диссертатсия кумак хоҳанд расонд ва мо кӯшиш мекунем, ки камбудиву эъродҳоро пешниҳодгардидаро дар кутоҳтарин муддат бартараф созем.

Ҳамин тавр, ҷаласаи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Ниёзмуҳаммадро дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», хулосаи роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Файз ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса омад:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода НиёзмуҳаммадДавлатовнаро ба шиносномаи ихтисоси илмии (13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот), аз ҷумла, ба

*банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш) ва ба *банди 5* – Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммадро дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – асосҳои педагогии ташаккули тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи арзиҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар насли наврас нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммадро, ки дар тарбия ва ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, 9 мақолаи илмӣ, ки 5 номгӯй аз онҳо дар феҳристи нашриёҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 номгӯй дар дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмиии зерини довталаб, ки дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиясинамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва КОА

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриёҳои дигар ба табъ расидаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

1. Мақолаҳои дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:

**I. Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф в илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1 – М] **Саид Н.С., Гулмадов Ф.** Аҳамияти тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2017. – №3/5. С. 297 – 303. ISSN – 2074 – 1847.

[2 – М] Саид Н.С., Гулмадов Ф. Фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2017. – №3/7. С. 174 – 179. ISSN – 2074 – 1847.

[3 – М] Саид Н.С. Сущность и содержание формирования нравственной смелости младших школьников в учебно-воспитательном процессе. Вестник Таджикского национального университета. Душанбе. 2017. – №3/4. С. 254 – 260. ISSN – 2074 – 1847.

[4 – М] Саид Н.С. Фаъолияти муштараки муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва волидон ҷиҳати истифодаи анъанаҳои хонаводагӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2018. – №6. С. 246 – 251. ISSN – 2074 – 1847.

[5 – М] Саидзода Н.С. Баъзе ҷанбаҳои педагогииғанӣ гардонидани таҷрибаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми

Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2023. – №3 (48). С. 109 – 114. ISSN 2222 – 9809.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷалла ва нашриёҳо ба чоп расидаанд:**

[6 – М] Саид Н.С. Аҳамияти муошират маданӣ дар ташаккули ахлоқии мактаббачагони хурдсол // Маорифи Тоҷикистон. Душанбе. – 2018. – № 1. – С. 44 – 47.

[7 – М] Саид Н.С. Баъзе масъалаҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ//Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Омӯзиш ва татбиқи афкори педагогии ниёгон дар таҳсилоти муосир» ба ифтихори 70-солагии академик Қодиров Қ.Б. – Душанбе. 2021.– С. 90 – 98.

[8 – М] Саидзода Н.С. Мактаб ва оила ду қувваи бузург дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии Масъалаҳои мубрами тарбияи хонандагони душвортарбия – Душанбе, 2023 – С. 106 – 109.

[9 – М] Саидзода Н.С. Дарки моҳияти рафторҳои ахлоқии аз ҷониби хонандагон //Маорифи Тоҷикистон. Душанбе. – 2024. – №4. – С. 31– 34.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд. Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии корҳои тарбиявии омӯзгорон дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар конфронсҳои ҳамасолаи илмӣ-методӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои

ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ироа ва тасвиб шудаaанд.

5. Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он ифода меёбад, ки мазкур масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили микдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ кардааст, оид ба мазуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур карда шудааст.

Инчунин дар диссертатсия моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол таҳия гардида, бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда амалӣ карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммад Саидро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаиуда дар воқеъ ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

– хусусиятҳои махсуси ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол ошкор карда шудааст;

– аз ҷиҳати назариявӣ ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол асоснок карда шудааст;

– қобилияти интихоби рафторҳои дурусти ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди корҳои тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд овардани тасаввуроти амиқ оид ба ташаккули малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ тарҳрезӣ карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он асоснокӣ ва самаранокии таҳияи технологияи ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ собит карда шудааст. Дар таҳқиқот низоми методҳои сермаҳсул ва самараноки фаъолнокии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар шароити муосири таълими иттилоотию иртиботӣ пешниҳод шуда, технологияи ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ илман асоснок карда шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводи таҳқиқот ва тавсияҳои илмию методии аз ҷониби муаллиф таҳияшуда аз ҷиҳати методӣ самаранок буда, татбиқи он имкон фароҳам меорад, ки ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар муҳити тарбиявии мактаб ва оила ривоҷ дода шавад. Ҳамчунин мавқеи шахсии муаллифи таҳқиқот оид ба ҷанбаи ҷустуҷӯ намудани воситаҳои самараноки технологияҳои ба мақсад мувофиқи дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ муайян карда шудааст.

Тавсияҳои методии диссертатсияро дар раванди курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, курсҳои такмили ихтисоси Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Илова бар ин, тавсияҳо ва муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус барои донишҷӯёни факултетҳои таҳсилоти ибтидоӣ метавон истифода бурд.

Ҷаласаи васеи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид, хулосаи роҳбари илмии унвойҷӯ, доктори илмҳои педагогӣ, Гулмадов Файз ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштрокчиёни ҷаласаро шунида,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, пешниҳод гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои ҳимояи такрорӣ ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-0077-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи шуъбаи муссисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024, протоколи №11 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар, аз он ҷумла 2 нафар намояндагон аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад. Натиҷаи овоздиҳии кушод: тарафдор 11 нафар, «зид» – нест; «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласаи шуъбаи
номзади илмҳои, педагогӣ, мудири
шуъбаи муссисаҳои томактабӣ,
ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон
Бобоева М.

Котиби ҷаласа, мутахассиси
пешбари шуъба
Мирхонова Н.

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел: (+83322) 227-46-00. E-mail: http//www.prmatt/tj

*Имзоҳои М. Бобоев ва Н.Мирхоноваро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ* *Абдуллозода М.*

ШУЪБАИ КАДРҲО